Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Бохҷу Хироҷ

№25 (1174)
Панҷшанбе,
20 июни соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ




**Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё**

с. 2-5

# Татбиқи амалии мактубҳои дастурӣ

## Воситаи муҳими корбарии мақомоти андоз



АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**Коҳиши қарз**



Таъмини иҷрои қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо - вазифаи муҳим

с. 6

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Сармояи оинномавӣ: онро киҳо ташаккул надодаанд?**

Оқибати ташаккул надодани сармояи оинномавӣ - барҳам додани корхона

с. 8

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

**Чораҳои таъсиррасон**



Тадбирҳои нозироти андоз бахри иҷрои нишондодҳои буҷет

с. 9

**Пешгирӣ аз ҳолатҳои коррупсионӣ**

Чораҳои ташкилию ҳуқуқии Кумитаи андоз бахри таъмини риояи меъёрҳои одоби касбӣ ва пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ

с. 9



**Тартиби ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор**

с. 10

# Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё

**15 июни соли 2019 дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Барои иштирок дар кори ҳамоиши сатҳи байналмилалӣ сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва намояндагони воломақоми кишварҳои иштирокчӣ — Тоҷикистон, Озарбойҷон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Шоҳигарии Баҳрайн, Ҷумҳурии Халқии Бангладеш, Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам, Ҷумҳурии Арабии Миср, Давлати Исроил, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Шоҳигарии Ҳошимии Урдун, Ҷумҳурии Ироқ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Давлати Қатар, Шоҳигарии Камбоҷа, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Қирғизистон, Муғулистон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Давлати Фаластин, Федератсияи Россия, Шоҳигарии Таиланд, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка, роҳбарону намояндагони давлатҳои нозир - Ҷумҳурии Индонезия, Ҷумҳурии Филиппин, Ҷумҳурии Белорус, Украина, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Япония, роҳбарони ташкилоту созмонҳои байналмилалии нозир ва шарик - Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони байналмилалии муҳоҷират, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Ассамблеяи парламентии кишварҳои туркзабон, Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва меҳмони ҳамоиш - Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар "Кохи Наврӯз" ба ҳам омаданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мизбони ин ҳамоиши сатҳи баланд сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо - Раиси Иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдуллоҳ Абдуллоҳ, Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Наврӯз Исмоил оғлу Мамедов, Сарвазири Шоҳигарии Камбоҷа Хун Сен, Ноиби Президенти Ҷумҳурии Ветнам хонум Данг Тхи Нгок Тхин, Президенти Ҷумҳурии Халқии Бангладеш Муҳаммад Абдул Ҳамид, Президенти Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка Майтрипала Сирисена, Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Руҳонӣ, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, ва роҳбарони ташкилоту созмонҳои бонуфузи оламро гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Маросими аксбардории роҳбари кишвари мизбон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлат ва ҳайатҳо дар толорҳои "Дидор" ва "Ар-жанг" сурат гирифт.

Макони асосии баргузории Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ оид ба тадбирҳои боварӣ дар Осиё толори пурнақшу нигори "Зарандуд" интихоб гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ оид ба тадбирҳои боварӣ дар Осиёро, ки ин навбат таҳти раёсати Тоҷикистон сурат мегирад, ифтитоҳ карда, ҳамаи иштирокчиёнро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Мавриди зикр аст, ки барои дар сатҳи баланди ташкилӣ доир кардани ҳамоиш пойтахти Тоҷикистон — шаҳри Душанбе идона ороста шуда, шиору овезаҳо бо матни истиқболи самимии сарони давлатҳои иштирокчӣ ва нозир, рамзи ҳамоиш дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр омода ва насб гардид.

Ҷараёни кори Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиёро таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон 650 нафар намояндагони ВАО-и дохил ва хориҷ, хабарнигорони рӯзномаву маҷаллаҳо, радиоҳо, телевизионҳо ва агентиҳои иттилоотӣ аз кишварҳои Тоҷикистон, Чин, Канада, Баҳрайн, АМА, Афғонистон, Эрон, Камбоҷа, Туркия, Ҳиндустон, Белорус, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Ветнам, Покистон, Бангладеш, Лубнон, Шри-Ланка, Қирғизистон, Россия, Ироқ ва дигар агентиҳои иттилоотӣ инъикос мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё — МҲТБО, анҷумани байнидавлатӣ ва созмони минтақавиест, ки соли 1992 бо дастгирии СММ таъсис ёфтааст.

Баррасии масоили амният ва ҳамкорӣ дар қитъаи Осиё ва саҳмгузорӣ дар ҷараёни ҷаҳонии мубориза бо терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои фаромиллӣ аз ҳадафҳои асосии ин ҳамоиш аст.

Мақомоти олии қабули қарор ҳамоиши нишасти сарони кишварҳо ва ҳукуматҳои аъзо буда, он дар чор сол як маротиба баргузор мегардад.

Охирин ҳамоиш 21 майи соли 2014 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардида буд.

Роҳбарӣ дар Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё тирамоҳи соли 2018 аз Чин ба Тоҷикистон гузашт.

## Владимир Путин: «Кишварҳои аъзои МҲТБО-ро зарур аст, то бо таҳдидҳои замони муосир муборизаро тақвият бахшанд»




Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин дар нишасти сарони давлатҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки имрӯз дар Душанбе баргузор гардид, аз намояндагони давлатҳои аъзои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ даъват ба амал овард, ки дар мубориза бар зидди таҳдиду чолишҳои замони муосир, хусусан терроризм, ифротгароӣ ва гардиши маводи мухаддир, ки омили асосии мабалағгузории гурӯҳҳои террористӣ дар ҷаҳон мебошанд, ҳамкории муштаракро тақвият бахшанд.

Президенти Федератсияи Россия таъкид кард, ки «мо бояд ба манофеъ ва даромади гурӯҳҳои террористӣ, ки аз ҳисоби фурӯши маводи мухаддир сарчашма мегирад, монеа эҷод намуда, нагузорем ин гурӯҳҳои ҷиноятпеша ба маводи киммёвӣ даст ёбанд.

Бо дахли таҳкими ҳамкории давлатҳои аъзои ин созмони бонуфуз В. Путин зикр сохт, ки кишварҳои аъзои МҲТБО, бояд ба якдигар эҳтиром ва арҷ гузошта, дар корҳои дохилии якдигар дахолат наварзанд.

Ҳамзамон В.Путин дар баромади худ доир ба қазияи Афғонистон, Сурия, муносиботи ҳар ду Корея ва барномаи ҳастаии Эрон дахл намуда, гуфт, ки Россия ҷонибдори тақвият ва густариши ҳамкории судманд бо кишварҳои аъзои МҲТБО мебошад.

## «Ҳама ниюшаи хоҷа ба некӯию ба сулҳ аст...»

**Раиси ҶМЧ Си Ҷинпин зимни суханронии худ дар Саммити Душанбе аз поягузори адабиёти классики тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иқтибос овард**

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин зимни суханронӣ дар Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё дар Душанбе изҳор дошт, ки кишвараш ҷонибдори сулҳ дар Осиё ва тамоми ҷаҳон мебошад.

Барои тақвияти суханҳояш Си Ҷинпин аз поягузори адабиёти классики тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иқтибос овард:

*Ҳама ниюшаи хоҷа ба некӯию ба сулҳ аст,*
*Ҳама ниюшаи нодон ба ҷангу фитнаву ғавғост.*

Ба андешаи ӯ, кишварҳоро зарур аст, ки якҷоя амниятро эҷод намоянд, соҳибихтиёрӣ ва роҳи демократиро эҳтиром гузоранд, инчунин барои интихоби роҳи сиёсӣ имконият диҳанд.

«Бунёди Осиёи Марказии бехатар ҳадафи умумии мо мебошад. Мо ҷонибдори муколама бар ивази муқовимат мебошем», — таъкид намуд роҳбари Чин.

Ба гуфтаи ӯ, барои мубориза бо терроризм бояд бо дарназардошти ҳошияҳои Осиё тадбирҳои муассир андешида шаванд.

«Рушд калиди ҳалли тамоми мушкилот мебошад. Ҳадафи мо бунёди Осиёи кушодаву таҳаммулпазир ва мавҷудияти муносиби тамаддунҳо ба ҳисоб меравад», — тазаккур дод Си Ҷинпин.

Ба гуфтаи ӯ, дар робита ба ин, татбиқи тавофуқҳои доираи саммити «Як камарбанд, як роҳ» бадастомада зарур мебошад.

«Чин саҳм ба рушди ҷаҳон ва ҷомеаи тақдири ягонаи инсониятро дастгирӣ менамояд. Мо бо роҳи осоишта рушд карда, роҳи ҳалли сулҳонаи чолишҳои бамиёномадаро пеш мебарем», — гуфт дар фарҷом Раиси ҶМЧ.

# Мусоидат ба таҳкими муколамаи созанда ва мушорикати густурда миёни давлатҳо

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои МҲТБО

**Муҳтарам ҳамкорон ва роҳбарони ҳайатҳо!**
**Муҳтарам ширкаткунандагони ҷаласа!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Ҷумҳурии Мардумии Чин барои садорати муваффақ ва корҳои анҷомдодашуда дар марҳилаи муҳими рушди Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) изҳори миннатдорӣ намоям.

Тоҷикистон дар давраи садорати худ дар Машварат мусоидати ҳамаҷониба ба таҳкими муколамаи созанда ва мушорикати густурда миёни давлатҳои аъзо тавассути идомаи роҳандозии тадбирҳои боварӣ, инчунин саҳмгузорӣ дар шукуфоӣ ва рушди мутаносиби тамоми минтақаи Осиёро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ мешуморад.

Айни ҳол минтақаи фароҳи Осиё бо таҳдидҳое рӯ ба рӯ аст, ки дар пасманзари онҳо тақдири таърихии мардум дар роҳи саъю талошҳо бахри рушди иқтисодию устувори муштарак ва пешрафт бо ҳам пайвастаанд.

Тоҷикистон зарурати пешбурди минбаъдаи талошҳоро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният дар Осиё, таъмиқи ҳамкории бисёрҷанба ва татбиқи чораҳои эътимодсозиро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва башардӯстӣ дар доираи раванди МҲТБО таъкид менамояд.

**Муҳтарам иштирокдорони Саммит!**

Аз замони Саммити охир дар минтақаи МҲТБО таҳаввулоти назаррасе ба вуқӯъ пайвастаанд.

Зуҳуроти афзоишёбандаи терроризму ифротгароӣ, ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ ҳамоно ба амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ хатар ба бор меоранд.

Мубориза бо ин таҳдидҳо аз ҳамаи давлатҳои аъзои Машварат андешидани тадбирҳои муштараки таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Баъди аз сар гузаронидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми қарни гузашта Тоҷикистон қадру қимати сулҳу суботу оромиро ва зарурати мутлақи ҳифзу таҳкими онҳоро дарк намуда, гиромӣ медорад.

Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони байналмилалӣ, давоми соли гузашта ва ҷорӣ ду конфронси муҳими сатҳи баландро, дар мавзӯи таҳкими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ дар ҷодаи мубориза бо ин хатарҳои ҷаҳонӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории онҳо баргузор намуд.

Муқовимати самарабахш ба таҳдиду хатарҳои мазкур зарурати татбиқи чораҳои фарогирро оид ҷиҳати беҳтар намудани ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаҳои мо, аз ҷумла коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва бекориро тақозо менамояд.

Вазъияти печидаи Афғонистони ҳамсоя низ боиси нигаронии ҷиддии мо гардидааст. Андешидани чораҳои самарабахш ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои МҲТБО дар ин ҷода метавонанд ба ҳалли қазияи Афғонистон мусоидати воқеӣ намоянд.

Дар ин замина, мусоидат ҷиҳати ҷалби Афғонистон ба равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар доираи панҷ ченаки Машварат метавонад нақши муҳим дошта бошад. Таҳкими ҳамкории иқтисодӣ ҷузъи таркибии иштироки мо дар раванди расидан ба рушди ҳадафҳои устувор ба ҳисоб меравад.

Ба тавri пурра мавриди истифода қарор гирифтани иқтидори транзитии минтақа тавассути тезонидани раванди азнавсозӣ ва сохтмони инфрасохтори нави коммуникатсионӣ ҷавобгӯи манфиатҳои умумии мо мебошад.

Муҳити зист ва тағйирёбии иқлим низ аз самтҳои муҳими ҳамкории мо маҳсуб меёбад. Офатҳои табиӣ ҳамасола ба иқтисодиёти кишварҳои мо хисороти бузург мерасонанд.

Дар ин робита, мо пешниҳод менамоем, ки василаҳои самарабахши расонидани кӯмаки ҳамаҷониба ба кишварҳое, ки аз офатҳои табиӣ зарар мебинанд, таҳия гарданд.

Тоҷикистон низ, ки наваду се (93) фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофии худ, дар рӯ ба рӯи оқибатҳои харобиовари офатҳои табиӣ, ки ҳар сол боиси зарари калони моддӣ ва талафоти ҷонӣ мегарданд, осебпазир аст.

Дар кишвари мо тайи чиҳил соли охир зиёда аз ҳазор (1000) пирях нобуд шудааст, ки ин дар навбати худ, ба бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ – гидроэнергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад.

Идомаи раванди обшавии босуръати пиряххо ба ҳаҷми захираҳои обии Осиёи Марказӣ, ки зиёда аз шаст (60) фоизи он дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбад, таъсири манфӣ мерасонад. Ин омил дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушди устувор монеаҳои иловагӣ эҷод менамояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар Осиёи Марказӣ захираҳои обӣ ҷузъи муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳбудии экологии минтақа ба ҳисоб мераванд.

Дар ин робита, расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар минтақа танҳо тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, кам кардани талафот ва сарфаи онҳо барои насли оянда имконпазир аст.

Тоҷикистон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об нақши муассир дорад. Бо иқдоми ҷониби мо аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ аз соли 2003 то имрӯз Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" (солҳои 2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (соли 2013) эълон гардидаанд.

Бо ташаббуси навбатии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2016 қатънома оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", ки татбиқи расмии он соли гузашта оғоз ёфт, бо иттифоқи оро қабул гардид.

Татбиқи фарогири чораҳои амалӣ дар доираи Даҳсолаи нав барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об мусоидат хоҳад кард.

Дар ин робита, иштироки давлатҳои МҲТБО-ро дар татбиқи муштараки Даҳсолаи мазкур муҳим арзёбӣ менамоем.

**Муҳтарам ширкаткунандагони ҷаласа!**

Тоҷикистон дар давраи садорати худ ба пешбурди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва беҳтарсозии мушорикати кишварҳоямон дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Дар ин росто, аз ҷониби мо бо манзури шиносоии васеи намояндагони кишварҳои аъзои МҲТБО бо мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва захираҳои ғании табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъсиси замина барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҷадиди ҳамкорӣ дар ин самт чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Умед дорам, ки воҳӯрии имрӯза ба мо ҷиҳати табодули таҷрибаи тайи солҳои шарокат дар доираи Машварат андӯхта ва муайянсозии самтҳои асосии фаъолияти муштараки минбаъдаи мо оид ба таҳкими ҳусни эътимод, амният ва пешбурди раванди МҲТБО имконият фароҳам меорад.

Итминон дорам, ки Саммит барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ ва таҳкими абзорҳои ҳамкории бисёрҷониба ва мушорикати васеъ дар доираи ҳалли масъалаҳои умдаи МҲТБО такони иловагӣ мебахшад.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

## Эмомалӣ Раҳмон: «Тоҷикистон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об нақши муассир дорад»

«Тоҷикистон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об нақши муассир дорад», — тазаккур доданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Саммити сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки 15 июн дар «Кохи Наврӯз»-и шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар идома Сарвари давлат ёдовар шуданд, ки бо иқдоми ҷониби Тоҷикистон аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ аз соли 2003 то имрӯз Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (соли 2013) эълон гардиданд.

«Бо ташаббуси навбатии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2016 қатънома оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки татбиқи расмии он соли гузашта оғоз ёфт, бо иттифоқи оро қабул гардид», — афзуданд Пешвои миллат.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид намуданд, ки татбиқи фарогири чораҳои амалӣ дар доираи Даҳсолаи нав барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об мусоидат хоҳад кард ва дар ин робита, мо иштироки давлатҳои МҲТБО-ро дар татбиқи муштараки Даҳсолаи мазкур муҳим арзёбӣ менамоем.

## Пешвои миллат: «Тоҷикистон қадру қимати сулҳу суботу оромӣ ва зарурати мутлақи ҳифзу таҳкими онҳоро дарк намуда, гиромӣ медорад»

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар аввали суханронӣ дар ҷаласаи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои МҲТБО таъкид намуданд, ки: «Зуҳуроти афзоишёбандаи терроризму ифротгароӣ, ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ ҳамоно ба амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ хатар ба бор меоранд. Мубориза бо ин таҳдидҳо аз ҳамаи давлатҳои аъзои Машварат андешидани тадбирҳои муштараки таъхирнопазирро тақозо менамояд».

Дар идомаи суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки баъди аз сар гузаронидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми қарни гузашта Тоҷикистон қадру қимати сулҳу суботу оромӣ ва зарурати мутлақи ҳифзу таҳкими онҳоро дарк намуда, гиромӣ медорад.

Президенти мамлакат дар идомаи суханронӣ тазаккур доданд, ки «Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони байналмилалӣ, давоми соли гузашта ва ҷорӣ ду конфронси муҳими сатҳи баландро, дар мавзӯи таҳкими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ дар ҷодаи мубориза бо ин хатарҳои ҷаҳонӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории онҳо баргузор намуд.

Муқовимати самарабахш ба таҳдиду хатарҳои мазкур зарурати татбиқи чораҳои фарогирро ҷиҳати беҳтар намудани ҷанбаъҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи мо, аз ҷумла коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва бекориро тақозо менамояд. Вазъияти печидаи Афғонистони ҳамсоя низ боиси нигаронии ҷиддии мо гардидааст».

Дар масъалаи вазъи Афғонистони ҳамсоя Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки андешидани чораҳои самарабахш ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои МҲТБО дар ин ҷода метавонанд ба ҳалли қазияи Афғонистон мусоидати воқеӣ намоянд.

«Дар ин замина, мусоидат ҷиҳати ҷалби Афғонистон ба равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар доираи панҷ ченаки Машварат метавонад нақши муҳим дошта бошад. Таҳкими ҳамкории иқтисодӣ ҷузъи таркибии иштироки мо дар раванди расидан ба рушди ҳадафҳои устувор ба ҳисоб меравад»,- афзуданд Пешвои миллат.

**Нимаи дуюми рӯзи 14 июн дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро, ки бо сафари давлатӣ ва ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ба Тоҷикистон ташриф овард, гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.**

# Сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар Тоҷикистон



Зимни мулоқоти хосае, ки байни сарони давлатҳо сурат гирифт, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Изҳор боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои кори Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё барои таҳкиму тавсеаи муносибатҳои ҳамкории кишварҳои минтақа ва ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

15 июн дар Қасри миллат маросими бошукуҳи истиқболи расмии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки бо сафари давлатӣ ва ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши 5-уми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ба Тоҷикистон ташриф овардааст, баргузор гардид.

Меҳмони олиқадрро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват карданд.

Ба муносибати сафари давлатии меҳмони воломақом дар саҳни Қасри миллат ҷузъу томҳои горди фахрӣ ва оркестри асбобҳои нафасӣ саф оростанд.

Маросими истиқбол бо гузориши фармондеҳи Горди фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду давлат ва парондани 21 шиллик аз тӯпхонаҳо, ки танҳо хоси сафарҳои давлатӣ аст, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи сарбозон, ба ҷо овардани эҳтиром ба Парчами давлатии Тоҷикистон, арзи саломи меҳмони воломақом ба низомиён ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду кишвар баргузор гардид.

Ин маросими бошукуҳ бо расми гузашти низомии ҷузъу томҳои Горди фахрии Тоҷикистон аз назди сарони ду давлат ба поён расид.

Масоили вобаста ба муносибати дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар дар мулоқоти васеи ҳар ду давлат баррасӣ гардид.

Дар ҷараёни мулоқот паҳлӯҳои равобити дуҷонибаи кишварҳо, инчунин масъалаҳои умдаи минтақавию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар меҳмони олиқадр ва ҳайати ҳамроҳашро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки таъмиқи минбаъдаи шарикии стратегӣ ҳамаҷониба бо Чин — яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии мо мебошад.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин барои истиқболи самимии ҳайати расмии Чин ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипоси беандоза карда, ба ташкили сатҳи баланди ҳамоиши Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва натиҷаҳои раёсати Тоҷикистон дар ин созмон баҳои баланд дод.

Ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» ва татбиқи босамари «Барномаи ҳамкории байни Тоҷикистону Чин» омили муҳими дастёбӣ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маънидод гардид.

Ҷонибҳо ба хотири идомаи равобити пурсамари шарикии стратегӣ, масъалаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, маблағгузории лоиҳаҳои Тоҷикистон, бунёди паркҳо ва таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ, рушди соҳаҳои гидроэнергетика бо истифодаи самараноки захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, илм, маориф, фарҳангию гуманитарӣ, навоварӣ ва технологияро ҳамаҷониба баррасӣ карданд.

Ҳамкории муштарак бар зидди «се бадӣ» — терроризм, экстремизм ва сепаратизм, инчунин ҷинояткории муташаккилонаи фаромарзӣ, интиқоли маводи нашъадор ва киберҷиноятҳо, зарур шумурда шуд.

Зимни баррасии масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои низомиву техникӣ, таҳкими амнияти сарҳадот ва зерсохтори онҳо, омодасозии кадрҳои низомӣ, бо таҷҳизоти муосир, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар Қасри миллат бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин маросими пардабардорӣ аз рӯи лоиҳаи биноҳои бунёдшавандаи Парламент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузор гардид.

Сохтмони биноҳои Парламент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкории судманди Тоҷикистону Чин, дар асоси дастгирии беғаразонаи молиявии ин кишвари дӯсту ҳамсоя бо маблағи 1,5 миллиард юани хитой амалӣ карда мешавад.

Бинои Парлумон дар шафати хиёбони Рӯдакӣ бунёд шуда, дар қисми пеши он гулгашт бо фавворахо, роҳу пайроҳаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Баландии бинои асосӣ 49,7 метр, бо назардошти гунбаз - 70 метрро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии бинои Парлумон 42 ҳазору 874 метри мураббаъ мебошад.

Бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми марказии шаҳри Душанбе, дар ҳудуди хиёбонҳои Рӯдакӣ ва Исмоили Сомонӣ ҷойгир мешавад

Масоҳати қитъаи замини Маҷмааи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон наздики 11 гектарро ташкил дода, дар он бинои 15-ошёнаи Ҳукумат, ду бинои 13-ошёнагии идораҳои назди Ҳукумат, гулгашт бо роҳу пайроҳаҳо бунёд мегардад. Баландии умумии бинои марказӣ 91,5 метрро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаҳои бунёди биноҳои Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон намои онҳо бо истифодаи унсурҳои миллӣ бо санъати баланди меъмории муосир таҳия шуда, бо услуби хос, бо нақшу нигор мувофиқ сохта мешавад.

Ороиши ҳуҷраҳо, толорҳои маҷлисгузаронӣ ва пештолорҳо бо нақшу нигори миллӣ, гаҷкорӣ, кандакорӣ, шишабандӣ ва бо сангҳои табиӣ ороиш дода мешавад.

Баъди анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ, иштироки сарони давлатҳо дар маросими оғози корҳои сохтмонӣ дар биноҳои Парламент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Қасри миллат маросими имзои санадҳо баргузор гардид, ки дар он бо иштирок ва дар ҳузури Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин 13 санад ва дар доираи сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин боз 5 санади тиҷоратӣ, дар маҷмӯъ 18 ҳуҷҷати нав, аз ҷумла, ба имзо расид:

Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи таъмиқи бештари муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегиро Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин имзо карданд.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи кӯмаки бебозгашт;

Протоколи талаботи фитосанитарӣ барои содироти лимӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин;

Созишномаи байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории илмӣ;

Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба таъсис додани Гурӯҳи кории муштарак оид ба ҳамкорӣ дар бахши сармоягузорӣ;

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати экология ва ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Мардумии Чин;

Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ ва корҳои кишоварзии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2019-2021;

Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2019-2021;

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории зиддитеррористӣ дар мавриди мубодилаи иттилоот, инчунин созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи филмбардорӣ, оид ба ташкили пойгоҳи коркарди фулузоти нодир, қиматбаҳо ва ранга, оид ба Барномаи интернет платформаи усули назорати сифат, оид ба лоиҳакашӣ, таъмин, насб, роҳбарӣ, ба истифода додан ва истеҳсоли тамоми таҷҳизот барои коргоҳи сементбарорӣ ва оид ба таъсиси ширкати муштарак ва сохтмони объекти коркарди металлургияи ранга дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳамин ҷо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои барҷаста дар таҳким бахшидани муносибатҳои байнидавлатӣ, тавсеаи робитаҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ байни халқҳои тоҷику чин, рушди ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию башардӯстӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мукофоти давлатии Тоҷикистон — «Ордени Зарринтоҷ дараҷаи 1»-ро дар вазъияти тантанавӣ тақдим карданд.

Дар толори маҷлиси Қасри миллат Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин барои намояндагони сершумори ВАО-и дохил ва хориҷ нишасти матбуотӣ ороста, мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Чинро натиҷагирӣ карданд.

# Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Муҳити зист ва тағйирёбии иқлим низ аз самтҳои муҳими ҳамкории кишварҳои аъзои МҲТБО маҳсуб мешавад»

«Муҳити зист ва тағйирёбии иқлим низ аз самтҳои муҳими ҳамкории мо маҳсуб меёбад. Офатҳои табиӣ ҳамасола ба иқтисодиёти кишварҳои мо хисороти бузург мерасонанд. Дар ин робита, мо пешниҳод менамоем, ки васильаҳои самарабахши расонидани кӯмаки ҳамаҷониба ба кишварҳое, ки аз офатҳои табиӣ зарар мебинанд, таҳия гарданд», — бо чунин пешниҳод Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокдорони Саммити сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиёро, ки 15 июн дар «Кохи Наврӯз»-и шаҳри Душанбе баргузор гардид, ба масъалаи зикршуда ҷалб намуданд.

Президенти мамлакат ба иштирокдорони ҳамоиш ҳамчунин иттилоъ доданд, ки Тоҷикистон низ, ки наваду се (93) фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофии худ, дар рӯ ба рӯи оқибатҳои харобиовари офатҳои табиӣ, ки ҳар сол боиси зарари калони моддӣ ва талафоти ҷонӣ мегарданд, осебпазир аст.

«Дар кишвари мо тайи чиҳил соли охир зиёда аз ҳазор (1000) пирях нобуд шудааст, ки ин дар навбати худ, ба бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ – гидроэнергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад. Идомаи раванди обшавии босуръати пиряххо ба ҳаҷми захираҳои обии Осиёи Марказӣ, ки зиёда аз шаст (60) фоизи он дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбад, таъсири манфӣ мерасонад. Ин омил дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушди устувор монеаҳои иловагӣ эҷод менамояд», -изҳори ташвиш намуданд Президенти мамлакат.

Пешвои миллат дар ин робита таъкид намуданд, ки «ба ҳамагон маълум аст, ки дар Осиёи Марказӣ захираҳои обӣ ҷузъи муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳбудии экологии минтақа ба ҳисоб мераванд. Дар ин робита, расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар минтақа танҳо тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, кам кардани талафот ва сарфаи онҳо барои наслҳои оянда имконпазир аст».

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин иброз доштанд, ки «Тоҷикистон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об нақши муассир дорад. Бо иқдоми ҷониби мо аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ аз соли 2003 то имрӯз Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" (солҳои 2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (соли 2013) эълон гардидаанд.Бо ташаббуси навбатии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2016 қатънома оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", ки татбиқи расмии он соли гузашта оғоз ёфт, бо иттифоқи оро қабул гардид.Татбиқи фарогири чораҳои амалӣ дар доираи Даҳсолаи нав барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об мусоидат хоҳад кард. Дар ин робита, иштироки давлатҳои МҲТБО-ро дар татбиқи муштараки Даҳсолаи мазкур муҳим арзёбӣ менамоем».

# Музокирот дар фазои самимият, эътимод ва дӯстӣ

## Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯи натиҷаҳои сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳтарам Раис,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори умум!**

Имрӯз сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Си Ҷинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои мо дорои аҳаммияти хосса мебошад, анҷом ёфт.

Дар ҷараёни музокирот, ки дар фазои самимият, эътимод ва дӯстӣ сурат гирифтанд, ба сатҳи бадастомадаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баҳои баланд дода шуд.

Дар баробари мубодилаи муфассали афкор оид ба доираи васеи масъалаҳои дуҷониба мо, ҳамчунин, мавзӯъҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавиро, ки дар мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор доранд, баррасӣ намудем.

Дар натиҷаи музокироти имрӯза маҷмӯи нави санадҳо ба имзо расид, ки самтҳои ҳамкориро дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, нақлиёт. кишоварзӣ, инфрасохтор ва илму техника фаро мегиранд.

Дар ҷараёни мулоқот мо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистону Чинро баррасӣ намуда, яксонӣ ё наздикии мавқеи ҷонибҳоро оид ба аксари мутлақи масъалаҳои калидии дуҷониба ва байналмилалӣ таъйид кардем. Зикр гардид, ки ҳамкории иқтисодӣ арсаи бунёдии шарикии мо мебошад.

Ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати ҷалб намудани доираҳои соҳибкории Чин ба хотири рушди инфрасохтори индустриалӣ ва татбиқи амалии лоиҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ изҳори манфиатдорӣ намуд.

Ҷонибҳо оид ба идома додани мутобиқсозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ум бо ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» ва пешбурди минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ изҳори азму омодагӣ карданд.

Дар ҷараёни музокирот ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

Дар ин замина мо нақши Комиссияи байниҳукуматиро оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва Зеркомиссияро оид ба ҳамкории Тоҷикистон бо Ноҳияи Мухтори Синҷони Уйғур чун васильаҳои муҳимми доимоамалкунандаи пешбурди ҳамкориҳои иқтисодӣ таъкид кардем.

Ҳаҷми сармоягузории Чин ба Тоҷикистон, алалхусус, дар соҳаҳои саноати маъдан ва нассоҷӣ, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ мунтазам зиёд мегардад. Чин сармоягузори бузургтарини мо маҳсуб меёбад. Ҳаҷми умумии сармояи Чин ба иқтисоди Тоҷикистон алҳол зиёда аз 2,6 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Мо аз иштироки фаъоли соҳибкорони Чин дар фаъолияти минтақаҳои озоди Тоҷикистон ба хушӣ истиқбол менамоем. Мубодилаи мол миёни кишварҳои мо соли гузашта тақрибан 2 миллиард долларро ташкил кард.

Ҷониби Тоҷикистон аҳаммияти татбиқи муштараки лоиҳаҳои ояндадори сармоягузорӣ ва зерсохториро, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвари мо, аз ҷумла саноатикунонии босуръат мусоидат мекунанд, зикр намуд.

Мо ба роҳандозии истеҳсолоти муштарак оид ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноати сабук, хӯроквории ва истихроҷи маъдан, диққати махсус додем.

Мавриди зикр аст, ки мо бо ҷаноби Раис имрӯз ба татбиқи лоиҳаи муҳим - бунёди биноҳои Парламент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшидем.

Ҳамзамон бо ин, ҷониби Тоҷикистон аҳаммияти ҳарчи зудтар ба истифода додани навбати аввали Корхонаи коркарди нафт бо иқтидори истеҳсолии 600 ҳазор тонна дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ва оғози корҳои марбут ба татбиқи марҳалаҳои навбатии лоиҳаи маҷмааи нассоҷии «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил», ҳамчунин ҳалли масъалаҳои вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои сохтмони Маркази барқи ҳароратии 600-мегаваттаи «Фон-Яғноб» ва навсозии заводи алюминий «Талко»-ро таъкид кард.

Мо, ҳамчунин, масъалаҳои тавсеа додани ҳамкориро дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла бо роҳи ҷалби сармояҳо ба зерсохтори сайёҳии Тоҷикистон баррасӣ намудем.

Ҷонибҳо азм карданд, ки ҳамкории мутақобилан судмандро дар соҳаи нақлиёт ва иртиботот ба хотири эҷоди шароити мусоид барои боркашониҳои нақлиётиву транзитӣ, инчунин, бунёду азнавсозии роҳҳои оҳану мошингард ва дигар навъҳои зерсохтори нақлиётӣ идома хоҳанд дод.

Имконоти ҳамкорӣ дар маҷмааҳои сӯзишвориву энергетикӣ, иктишофи геологӣ ва агросаноатии Тоҷикистон мавриди мубодилаи афкор қарор дода шуданд.

Мо дурнамои ҳамкориҳоро дар соҳаи гидроэнергетика низ баррасӣ намудем. Мо омодагии ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати тавсеаи содироти маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи кишоварзӣ таъкид кардем.

Ҷонибҳо роҳҳои таъмиқи минбаъдаи ҳамкории дуҷонибаро дар бахшҳои фарҳангиву башарӣ, аз ҷумла дар арсаи илму маориф муҳокима намуданд.

Ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи илм, инноватсия ва технологияҳо, ҳамчунин, тақвияти робитаҳо миёни муассисоти илмиву таҳқиқотӣ ва доираҳои академии ду кишвар, аз ҷумла доир ба тарбияву бозомӯзии мутахассисони ҷавон диққати махсус дода шуд.

Мо аз вазъи ҳамкорӣ дар арсаи рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода қаноатманд мебошем. Дар робита ба ин, мо ба ҷониби Чин барои кумаки техникӣ ба хотири таҳкими пояи моддиву техникии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи сипос менамоем.

Тоҷикистон ҳамкории самарабахши худро бо Чин дар соҳаи амният муҳим медонад ва дар ин арса онро шарики боэътимод дар ин самт меҳисобад.

Байни мо ҳамкорӣ ба хотири мубориза бо «се шар (бадӣ)» - терроризм, ифротгарӣ ва ҷудоихоҳӣ, ҳамчунин, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо густариш меёбад.

Мо аз натиҷаҳои мусбати ҳамкориву ҳамдастии ҷонибҳо дар мавриди муқовимат ба таҳдиду хатарҳои глобалӣ қаноатманд буда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти босалоҳияти давлатҳоямонро дар ин арса ҷонибдорӣ менамоем.

Мо оид ба масъалаҳои мубраме, ки хислати минтақавию байналмилалӣ доранд, мубодилаи муфассали афкор доштем.

Тоҷикистону Чин дар ҷаҳорҷӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ фаъолона ҳамкорӣ менамоянд.

Мо нақши марказии Созмони Милали Муттаҳидро дар низоми муносиботи байналмилалӣ ва муҳим будани ҳамкориҳоро дар ҷаҳорҷӯбаи сохторҳои бисёрҷониба, аз ҷумла ба хотири пешбурди раванди Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё зикр кардем.

Тоҷикистон ҳамчун яке аз асосгузорон ва узви фаъоли Созмони ҳамкории Шанхай ба тавсеаву такмили механизмҳои фаъолияти ин созмон манфиатдор мебошад.

Мо минбаъд низ омодаем, ки ҳамкории бисёрҷонибаи Тоҷикистону Чинро таҳким бахшем.

Ҳангоми муҳокимаву баррасии масъалаҳои мубрами вобаста ба амнияти минтақавӣ қазияи Афғонистон дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор дошт.

Дар ин самт мо ба ҷонибдории саъю талоши муштарак ба хотири мусоидат ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон изҳори назар кардем.

Мо минбаъд низ дар ҳамаи сатҳҳо тамосҳои зич хоҳем дошт ва оид ба масъалаҳои муносиботи дуҷониба ва мавзӯъҳои мубрами байналмилаливу минтақавӣ мубодилаи афкорро идома хоҳем дод.

Бо истифода аз фурсат, мехостам муҳтарам ҷаноби Раисро бо ҷашни фаро расидаистодаи 70-умин солгарди таъсисёбии Ҷумҳурии Мардумии Чин бори дигар сидқан табрику таҳният гуям ва ба мардуми дӯсти Чин сулҳу субот ва рифоҳу ободӣ орзу намоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам андозсупорандагон!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Медведев пообещал подумать об освобождении науки от налогов

**Уже существуют особые налоговые и таможенные режимы в специальных местах, например, в «Сколково»**

**Глава правительства Дмитрий Медведев согласился подумать об освобождении компонентов для проведения научных исследований от таможенных пошлин и налогов, пишет ТАСС.**

«Я абсолютно также согласен с тем, что было бы желательно, чтобы часть элементов той большой системы, которая здесь работает, собиралась дома. Собственно, у нас по ряду элементов это так и произошло», — сообщил он во время общения с учеными в Европейской организации ядерных исследований (ЦЕРН), отвечая на вопрос о том, что часть работы можно было бы выполнять в РФ, но этому мешают пошлины и налоги.

«Но вы правы, что и какие-то другие элементы можно было бы делать дома. Часть оборудования производить и компонентов. Наверно, это можно поправить и в общем плане, но у нас как минимум существуют специальные налоговые и таможенные режимы в специальных местах», — отметил Медведев. В частности, такой режим есть в «Сколково», подчеркнул премьер.

http://taxpravo.ru

# Коҳиши қарз

**Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо, шумораи андозсупорандагони қарздор, инчунин, иҷрои қарорҳои дар самти кам кардани бақияи қарзи андозҳо ба Нозироти андозсупорандагони миёна сафарбар гардид.**

*Мутобиқи маълумоти Кумитаи андоз, бақияи қарзи андози андозсупорандагоне, ки дар қайди Нозироти андозсупорандагони миёна ҳастанд, ба ҳолати 1 апрели соли 2019-ум 58,8 миллион сомониро ташкил дода, он нисбат ба аввали сол, 576,7 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Ба ин сана, бақияи қарзи андозҳо дар бахши ноҳияҳои Шоҳмансур 11,1 миллион сомонӣ, Сино 17,6 миллион сомонӣ, Фирдавсӣ 12,9 миллион сомонӣ ва дар бахши Исмоили Сомонӣ 17,1 миллион сомониро ташкил менамояд.*

*Тибқи гуфтаи сардори Гурӯҳи кори Кумитаи андоз Саймухтор Юсупов аз маблағи умумии бақияпулиҳои андоз 19,4 миллион сомониаш аз ҳисоби фоизу ҷаримаҳои иловагӣ ҳисобшуда, 18,8 миллион сомонии дигар аз ҳисоби 39 адад ширкати фаъолияташон моҳияти иқтисодинадошта пайдо шудааст. Инчунин, 8,7 миллион сомонӣ дар натиҷаи корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз) ва 11,0 миллион сомонӣ аз ҳисоби 28 корхонаву ташкилоти давлатӣ ба вуҷуд омадааст.*



### Теъдоди қарздорон

Шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 1 апрели соли 2019-ум 391 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали сол 23 адад кам гардидааст. Аз ин 69 фоизашро бақияпулиҳои андозсупорандагоне ташкил медиҳад, ки маблағи қарзи андозҳояшон то ба 40 ҳазор сомонӣ мерасад.

Бо андешидани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар тадбирҳои таъсирбахш бақияи қарзи 68 андозсупорандаи қарздор рӯёнида шудааст, ки он1888,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

### Иҷрои қарорҳо

Дар 4 моҳи соли равон дар Нозироти андозсупорандагони миёна оид ба маҷбуран рӯёнидани маблағи қарзи андозҳо нисбати 77 андозсупоранда ба маблағи 18,2 млн. 169 қарор қабул гардида, ки аз ин ҳисоб 9,1 млн. сомонӣ ворид буҷет шудааст. 107 қарор дар соли 2018, ки нисбати 62 андозсупоранда ба маблағи 26,2 млн. сомонӣ қабул гардида буд, иҷроашон ба соли 2019 гузаронида шуд. Аз ҳисоби ин қарорҳо дар соли 2018-ум 8,0 млн. сомонӣ ва дар 4 моҳи соли ҷорӣ 5,4 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ нисбати 25 андозсупоранда доир ба маҷбуран рӯёнидани қарзи андозҳо мавод омода ва барои қабули қарори дахлдор ба Кумитаи андоз ирсол кардааст. Дар натиҷа, ба маблағи 5,6 млн. сомонӣ 51 қарор қабул гардидааст. Аз ҳисоби қарорҳои дар давраи фаъолияти ҳайати корӣ қабулгардида 2,3 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои қаблан қабулгардида 1,5 млн. сомонӣ, ҷамъ 3,8 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

### Маблағи рӯёнидашуда

Кумитаи андоз нисбати ҶДММ «Ширкати шашуми сохтмонию лоиҳакашӣ», аз 25.04.2019, №8-2-477 оид ба ситонидани бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 616,1 ҳазор сомонӣ қарор қабул кард. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ тавонист бо роҳи фаҳмондадиҳӣ маблағи бақияпулиҳои андозро пурра рӯёнад.

Ба ин монанд, ҶДММ «Некон+» ба ҳолати 01.04.2019 аз ҳисоби андозҳо дар назди буҷет 106,8 ҳазор сомонӣ қарздор буд. Кумитаи андоз қарори рӯёнидани маблағи қарзи андозҳоро аз суратҳисоби ҷамъият ба тасвиб расонид. Гурӯҳи корӣ аз маблағи қарзи ҷамъият, ки 299,8 ҳазор сомониро ташкил медод, 153,9 ҳазор сомонии онро вориди буҷет намуд.

Бақияи қарзи андозҳои КВ «Экспидитсияи ҷустуҷӯӣ аксбардории геологӣ»-и Саридораи геологии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2019, 139,4 ҳазор сомониро ташкил медод. Нисбати он оид ба ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби суратҳисоби бонкӣ қарор қабул шуд, ки Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолияти худ иҷрои онро пурра таъмин кард.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон, аз ҳисоби ҶДММ «Ҳусно» маблағи 119,2 ҳазор сомонӣ, Типографияи МВД 131,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Муҳандис 2014» 74,7 ҳазор сомонӣ,ҶДММ «Нун Кэн Цзянь Гун» 50,0 ҳазор сомонӣ, «Нил Сохтмон» 73,5 ҳазор сомонӣ, КВД «Нақлиёти махсус оид ба кашонидани партовҳои маишӣ» 173,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Розияи Сангрез» 120,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Мустақил» 55,5 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Иқлими соф» 52,3 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Дар баробари ин, Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андозсупорандагони миёна бо татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагоне, ки маблағи қарзи андозҳои зиёд доштанд, тавонистанд (бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ) аз ҳисоби ҶДММ «Фирдавс 2011» 209,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Парвиз 2017» 338,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Меҳрсоз» 56,6 ҳазор сомонӣ, Муассисаи «Шабаки гармидиҳандаи шаҳри Душанбе»-и МИҲД 1136,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Оби ҳаёт» 328,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Чарм» 118,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Себистон 2018» 122,2 ҳазор сомонӣ, КВД Нақлиётҳои махсус оид ба кашонидани партовҳои сахти маишӣ 120,2 ҳазор сомонӣ, ҶСП «Сари Хосор» 55,0 ҳазор сомонӣ, Раёсати таъмирию сохтмони назди ДМО ҶТ 97,1 ҳазор сомонӣ, ККВД «Тролейбус»-и шаҳри Душанбе 73,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Навин» 99,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «САМЭ» 73,8 ҳазор сомонӣ, КВД ХҚД «Тоҷикдипсервис» 74,7 ҳазор сомонӣ, ҶСК «Трест Гидромонтаж» 75,7 ҳазор сомонӣ, КФ «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» 30,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Экспекр Саноат» 73,4 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Тоҷикалоқасохтмон» маблағи 55,1 ҳазор сомониро ба буҷет ворид кунанд.

### Тартиб додани протоколҳои маъмурӣ

Барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ ва инчунин, иҷро накардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз ҷиҳати пардохти саривақтии бақияпулиҳои андоз тибқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода мешавад. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ нисбати 13 андозсупоранда барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои андозии худ бо моддаҳои 600 ва 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол тартиб дод. Аз ҷумла, 9 протокол бо моддаи 620 ва 4 протокол бо моддаи 600, ки маблағи умумии онҳо 25,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, тартиб ёфтаанд. Танҳо дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ 9,0 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидаасту халос.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Татбиқи амалии мактубҳои дастурӣ

**Торафт шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ моро водор месозад, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои умумимиллӣ имконоту захираҳои мавҷударо самаранок истифода карда, фазои соҳибкориву сармоягузориро боз ҳам беҳтар ва фаъолнокии иқтисодии аҳолии Тоҷикистонро баланд бардорем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Бо мақсади татбиқи амалии қонунгузории андоз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастурамалҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста мактубҳои дастурӣ омода намуда, барои корбарӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол менамояд. Мактубҳои тавзеҳотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 11282/131"Д" аз 23 08 2017 ва № 5828/13/3"Д" аз 10 05 2018 "Оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ" аз зумраи чунин дастурҳои амалии мақомоти андоз мебошад.

"Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд, ки сарфи назар аз муҳокимаҳо ва вазифагузориҳои пайваста дар ҷаласаҳои ҳайати Мушовараи Кумитаи андоз, ҷаласаҳои алоҳида, вохӯрию семинарҳои машваратӣ ва баррасии чандинкаратаи масъалаи дар эъломияҳои андоз дуруст (пурра) нишон додани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон додани музди меҳнати онҳо, ба расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат ва тақвият бахшидан ба сари вақт ҷамъоварӣ намудани андози иҷтимоӣ, назорати риояи қонунгузории андоз дар мавриди истифода аз кори кироя ғайриқаноатбахш буда, нишондиҳандаҳои дар эъломияҳо пешниҳоднамудаи субъектҳои хоҷагидор воқеиятро дуруст инъикос наменамоянд", омадааст дар мактубҳо.

Дар ҳақиқат, тайи солҳои охир, чуноне аз натиҷаи корҳои назоратии мақомоти андоз бармеояд, новобаста аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти қонунгузории андоз субъектҳои зиёди хоҷагидор бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки музди меҳнат ба ҳисоб меравад, музди меҳнатро ба кормандони кироя ғайрирасмӣ, яъне дар лифофа пардохт менамоянд ва ҳатто дар ҳисоботи андозӣ ҳаҷми музди меҳнатро аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат (400 сомонӣ) камтар нишон дода, дар ҳолатҳои дигар шумораи кормандони кироя воқеан истифодашавандаи худро дар эъломияҳои андоз пурра нишон намедиҳанд.

Иҷрои талаботи мактубҳои мазкур дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ дар кадом сатҳ қарор дорад? Вобаста ба ин, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ Оятулло Каримзода иброз намуд, ки мактубҳои тавзеҳотии Кумитаи андоз "Оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ" дар мадди диққати масъулини нозироти андоз қарор дорад. Оид ба ошкор намудани қонунвайронкуниҳо дар ин самт мақомоти ҳудудии андоз як қатор корҳои назоратиро анҷом додааст. Масалан, ҳангоми азназаргузаронии маълумоти дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Таъмиргар", воқеъ дар суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Элок муайян карда шуд, ки мавсуф дар асоси иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба фаъолияти таъмири техникаи кишоварзӣ, яъне хизматрасонӣ машғул мебошад. Мутобиқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда уҳдадор аст мувофиқи тартиби муқарраргардида баҳисобгирии даромадҳо (хароҷоти) худ, объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқамандро мутобиқи қонунгузории андоз ба ҳисоб гирад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти ҶДММ "Таъмиргар" чуноне маълум шуд, мувофиқи эъломияҳои пешниҳодгардида оид ба андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ шумораи коргарони кироя 24-25 нафар ва музди меҳнати коргарон дар як моҳ ба андозаи 14850 сомонӣ нишон дода шудааст, ки ин ба ҳисоби миёна ба ҳар як нафар коргар 628 сомонӣ рост меояд. Ҳол он ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя дар самти хизматрасониҳо дар соли 2018 маблағи на камтар аз 1000 сомониро ташкил медиҳад. Муайян гардид, ки ҷамъият бо мақсади канораҷӯӣ аз андоз дар ҳисоботи хеш шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати онҳоро кам нишон додааст.

ҶДММ "Таъмиргар" тибқи талаботи моддаҳои 95-104 Кодекси андози Ҷумҳурииии Тоҷикистон супорандаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҷамъият дар давраи таҳти назорати камералӣ қарордошта фарқият дар манбаи андоз, яъне фонди музди меҳнат, 182008 сомониро ташкил дода, аз ин андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба маблағи 19860 сомонӣ ҳисобӣ шудааст. Дар натиҷа, маблағи ҳисобшудаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз 1 январи соли 2018 то 1 апрели соли 2019 маблағи умумии 23593 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, фарқияти андоз аз даромад (23593-19860) ба маблағи 3733 сомонӣ иловагӣ ба буҷет ҳисоб карда шуд.

Ҷамъияти мазкур мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 212-218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун супорандаи андози иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи андозсупоранда, дар асоси эъломияҳои андоз пешниҳодшуда (дар давраи таҳти назорати камералӣ қарордошта) фонди музди меҳнат 182008 сомонӣ нишон дода шуда, бо меъёри 25% ба маблағи 45502 сомонӣ андози иҷтимоӣ ҳисоб ва пардохт карда шудааст. Назорати камералӣ фарқияти фонди музди меҳнатро ба маблағи 30476 сомонӣ аз нав ҳисоб карда, мутобиқи меъёри 25 % ба маблағи 7619 сомонӣ андози иҷтимоии иловагӣ ҳисоб намуд.

Дар рафти назорати камералӣ муайян шуд, ки ҶДММ "Таъмиргар" дар давраи ҳисоботии солҳои 2018-2019 талаботи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба тартиби дуруст ҳисоб намудани андозҳо риоя накарда, боиси ба буҷет ҳисоб ва пардохт нагардидани 11352 сомонӣ маблағҳои андоз гардидааст.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Рӯдакӣ**

ЭЪЛОН

## БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ", ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сархати панҷум Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз ба қайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

**Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В ЮАР вводят налога на выбросы углекислого газа

## Соответствующий закон подписал президент страны



**Президент ЮАР Сирил Рамапоса подписал закон о введении налога на выбросы в атмосферу углекислого газа, принятие которого откладывалось с 2010 г., пишет ТАСС.**

Документ вступает в силу 1 июня 2019 г. До декабря 2022 г. организации должны будут выплачивать в казну по 120 рандов (примерно $8,3) за каждую тонну выброшенного в атмосферу углекислого газа. Далее Минфин пообещал рассмотреть возможность уменьшения тарифа на сумму от 6 до 48 рандов.

«Анализ последствий введения налога будет проведен перед переходом ко второму этапу, при этом во внимание будет принят прогресс в снижении уровня выбросов парниковых газов и его соотношение с нашими национальными климатическими обязательствами», — отмечается в заявлении. Пересмотренные тарифы налога будут действовать до 2030 г.

**http://налоговыеновости.рф/**

**Чанде пеш дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Раҷабзода Мунавваршоҳ, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Илҳом Муродхусейнов, инчунин, чанд тан аз андозсупорандаҳо - шахсони ҳуқуқии пойтахт семинар – машварат баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои рафти пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ ва ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо баррасӣ гардид.**

# Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ



Нахуст, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид сухан ронда, қайд кард, ки тибқи таҳлилу баррасӣ ва маълумоти бадастомада на ҳамаи соҳибкорон тавозуни муҳосибавии худро сари вақт пешниҳод менамоянд. Тавре мушоҳида мешавад, бисёре аз корхонаҳо эъломияҳои андозиашонро пештар аз пардохти маблағи андозҳои ҳисобшуда пешниҳод менамоянд, ки ин аз як тараф, ба зиёд шудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва аз тарафи дигар, ба ҳисоб гардидани фоизҳо боис мешавад.

Ёдрас мешавем, ки ҳамаи корхонаҳо баъди аз бақайдгирии давлатӣ гузаштан ва дар баробари ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун шахси хуқуқӣ, машғул шудан, вазифадоранд, ки барои соли тақвимӣ то 30 апрели соли ҳисоботӣ ба нозиротҳои андози маҳалли бақайдгирӣ тавозунҳои муҳосибавиро пешниҳод намоянд. Дар сурати сари вақт пешниҳод нагардидани тавозун дар асоси моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ пешбини шудааст.

Ин аст, ки мақомоти андоз ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо ва беҳтар сохтани фаъолияти андозсупорандагон гузаронидани семинар – машварат ва корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондаанд.

Баъдан, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Раҷабзода Мунавваршоҳ оид ба тарзи дуруст пешниҳод кардани эъломияҳо ба тариқи электронӣ суханронӣ кард.

Дар идомаи семинар-машварат масъалаи ташаккул додани сармояи оинномавии корхонаҳо баррасӣ гардид. Қайд шуд, ки тибқи қонунгузорӣ ҳуҷҷати мазкур ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди аққали сармояи оинномавӣ, шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешаванд. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд барои барҳам додани чунин шахсон ба суд муроҷиат намоянд.

-Нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанберо зарур аст, ки нисбати андозсупорандагоне, ки тавозуни муҳосибавиро пешниҳод накардаанд, чораҳӯӣ намоянд, то пешниҳоди пурраи тавозуни муҳосибавӣ, дар муддати кӯтоҳ таъмин гардад,- таъкид шуд дар охири ҷамъомад.

**Ф. ҲАСАНЗОДА**

# Сармояи оинномавӣ: Онро киҳо ташаккул надодаанд?

Яке аз масъалаҳо ҳалталабе, ки имрӯз мақомоти андозро нигарон кардааст, ташаккул наёфтани сармояи оинномавии бархе аз корхонаҳост. Тибқи қонунгузорӣ ҳуҷҷати мазкур ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди аққали сармояи оинномавӣ, шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешаванд.

Дар робита ба ин, мақомоти андоз бо роҳбарон ва намояндагони корхонаҳо баҳри ташаккул додани сармояи оинномавӣ пайваста семинар - машварт ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Ҳамзамон ҷиҳати ташаккул додани сармояи оинномавии корхонаҳояшон маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Бо вуҷуди ин, бархе аз шахсони ҳуқуқӣ барои ташаккул додани сармояи оинномавиашон иқдом намекунанд.

ИНАК, РӮЙХАТИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИЕ, КИ САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ХУДРО ТАШАККУЛ НАДОДААНД:

| № | Номгӯи корхонаҳо | Маблағи сармояи оинномавӣ |
|---|---|---|
| | **Ноҳияи Шоҳмансур** | |
| 1 | ҶДММ “Бозгашт” | 1000 |
| 2 | ҶДММ “Сомон пардохт” | 700 |
| 3 | ҶДММ “Ок Бар Ресторан” | 50000 |
| 4 | ҶДММ “Клуби вазишии “Комбат - Муҳофиз”” | 1000 |
| 5 | ҶДММ “Ориёно-Б.Н.” | 1000 |
| 6 | ҶДММ “Суҳайб 555” | 1000 |
| 7 | ҶДММ “Семя” | 200000 |
| 8 | ҶДММ “Азиан фуд дистрибушн” | 1000 |
| 9 | ҶДММ “Ширкати истеҳсолию сармоягузори саноатии “Яъқуб”” | 100000 |
| 10 | ҶДММ “Чинчен ЛТД” | 100000 |
| 11 | ҶДММ “Маъдан Лен” | 2000000 |
| 12 | ҶДММ ШМС АСД | 1000 |
| 13 | ҶДММ “Топаз” | 800 |
| 14 | ҶДММ “Компютер и периферия” | 1000 |
| 15 | ҶДММ “Исмоил 2014” | 500 |
| 16 | ҶДММ “Истиқлол-24”, | 500 |
| | **Ноҳияи Исмоили Сомонӣ** | |
| 17 | ҶДММ “Мавҷи Тоҷикистон” | 10000 |
| 18 | ҶДММ “Академияи санъати актёрӣ ва овозии ферз” | 1000 |
| 19 | ҶДММ “Ширкати идоракунандаи “Осори Ориён”” | 1292719 |
| 20 | ҶДММ “Назришо ва Мирзоев” | 1000 |
| 21 | ҶДММ “Шукурҷон” | 500 |
| 22 | ҶДММ “Мекс” | 1000 |
| 23 | ҶДММ “Ҳикмат 2016” | 2500 |
| 24 | ҶДММ “Самак 2016” | 1500 |
| 25 | ҶДММ “Тоҷ кор” | 1000 |
| 26 | ҶДММ “Марко” | 1000 |
| 27 | ҶДММ “Шерзод-2013” | 1000 |
| 28 | ҶДММ “Хонаи Мақсудака” | 1000 |
| 29 | ҶДММ “Чинори Саид” | 500 |
| 30 | ҶДММ “Аншан” | 500 |
| 31 | ҶДММ “Синван” | 1000000 |
| 32 | ҶДММ “Тухми ҳаёт” | 500 |
| 33 | ҶДММ “Эхсон” | 35053300 |
| 34 | ҶДММ “Солеҳбону” | 500 |
| | **Ноҳияи Сино** | |
| 35 | ҶДММ “Рушди Сохтмон” | 500 |
| 36 | ҶДММ “Сохтмони тоҷик” | 2000 |
| 37 | ҶДММ “Беҳтарин 2017” | 1000 |
| 38 | ҶДММ “Файсал Покистон” | 100000 |
| 39 | ҶДММ “Рустам ва С” | 1000 |
| 40 | ҶДММ “Такси Пойтахт” | 1000 |
| 41 | ҶДММ “Хадрон Макина” | 100000 |
| 42 | ҶДММ “Самсун 2016” | 500 |
| 43 | ҶДММ “Беҳрӯз 15” | 500 |
| 44 | ҶДММ “Пайванди роҳ” | 1000 |
| 45 | ҶДММ “Шермед” | 1000 |
| 46 | ҶДММ “Сохтмони муосир” | 1000 |
| 47 | ҶДММ “Сурам” | 671790 |
| 48 | ҶДММ “Исмат 58” | 500 |
| | **Ноҳияи Фирдавсӣ** | |
| 49 | ҶДММ “Пахш” | 2000 |
| 50 | ҶДММ “Ал диёр” | 200000 |
| 51 | ҶДММ “Эҷод АРТ” | 129262 |
| 52 | ҶДММ “Тиҷорати сабз” | 20000 |
| 53 | ҶДММ “Ал Ҷумайрӣ” | 10000 |
| 54 | ҶДММ “Нури Роғун” | 500 |
| 55 | ҶДММ “Рамшод” | 3000 |
| 56 | ҶДММ “Хонатарош” | 1000 |
| 57 | ҶДММ “Рангоранг принт” | 100000 |
| 58 | ҶДММ “ШММ Синтасзян чжунчэн зумлион Тоҷикистон” | 100000 |
| 59 | ҶДММ “Аминҷон О” | 1000 |

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# КНР сожалеет о необходимости принятия контрмер на вступившие в силу пошлины со стороны США

Пекин выразил глубокое сожаление в связи с повышением Вашингтоном с 10 до 25% пошлин на импорт продукции из КНР и будет вынужден принять ответные меры. Об этом говорится в опубликованном в пятницу заявлении Министерства коммерции КНР.

«Соединенные Штаты повысили пошлины с 10 до 25% на импорт китайской продукции на сумму около $200 млрд. Китай глубоко сожалеет об этом и будет вынужден принять необходимые контрмеры», - говорится в заявлении ведомства.

В публикации отмечается, что в настоящее время в Вашингтоне проводится 11-й раунд переговоров по торговле между КНР и Соединенными Штатами.

«Мы надеемся, что США и Китай будут работать вместе для решения существующих проблем на основе сотрудничества и взаимных консультаций», - подчеркивается в документе.

https://news.mail.ru/economics/37236980/?frommail=1

# Чораҳои таъсиррасон



**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод иҷрои воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳоро дар 5 моҳи соли 2019 ба андозаи 101 фоиз иҷро намуданд. Ба ҷойи 5936387 сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷети ҷумҳурӣ 6004153 сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 67 ҳазору 766 сомонӣ зиёд мебошад.**

Тавре сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод Султон Лутфиев иброз дошт, кормандони мақомоти андози ноҳия дар 5 моҳи сипаришуда аз иҷрои нақшаи ҳама гуна андозҳо баромада, дар ин давра як қатор корҳои муайянеро ба анҷом расониданд. Аз ҷумла, миёни андозсупорандагон ва соҳибкорон ҷиҳати сари вақт супоридани маблағи андозҳо ва ба шакли электронӣ гузаштани андозсупорандагон дар 5 ҷамоати ноҳия якчанд маротиба семинар-машварат, вохӯрию суҳбатҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.

Айни замон 4356 адад хоҷагии деҳқонӣ, 448 шахси ҳуқуқӣ, 295 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 109 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда дар қайди нозироти андози ноҳия мебошанд. Кормандони мақомоти андози ноҳия ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз дар ин давра чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Бақияи қарзи андози шахсони ҳуқуқӣ ба таърихи 01.01.2019-ум 1412981 сомониро ташкил медод. Ин рақам ба 01.05.2019 ба 1343221 сомонӣ расонида шуд, ки ба маблағи 69760 сомонӣ кам гардидааст. Бақияпулиҳои қарзи андози соҳибкорони инфиродӣ ба 01.01.2019-ум, 159738 сомониро ташкил медод. Дар натиҷаи гузаронидани чораҳои зарурӣ он ба 145758 сомонӣ расонида шуд, ки ба маблағи 13980 сомонӣ кам гардидааст. Ҷиҳати ситонидани қарзи андоз ва дигар пардохтҳо дар ин давра нисбати 36 андозсупоранда ба маблағи 1140000 сомонӣ қарор қабул гардид, ки аз ин маблағи 594000 сомониаш ба буҷети давлатӣ ворид шуд. Ҳамчунин, ба 812 андозсупорандаи дигар ба маблағи 1596000 сомонӣ огоҳинома ирсол шуда, аз ин маблағ 948000 сомониаш ба буҷет таъмин гардид. Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод дар ин давра ҷиҳати ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар фаъолияти андозсупорандагон корҳои назоратӣ ва санҷишҳои амалиётиро ба роҳ монданд. Аз ҷумла, дар фаъолияти 6 андозсупоранда ба маблағи 105 ҳазору 640 сомонӣ назорати камералӣ гузарониданд, ки дар натиҷа, 83 ҳазору 190 сомонии он ба буҷети давлатӣ таъмин гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Пешгирӣ аз ҳолатҳои коррупсионӣ

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ирсоли мактуби дастурӣ дар бораи пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андозро огоҳ менамояд, ки бо мақсади таъмини риояи меъёрҳои одоби касбӣ, мустаҳкам намудани боварии андозсупорандагон ба мақомоти андоз, шаффоф гардонидани фаъолияти корманд ва софдилона иҷро кардани уҳдадориҳои мансабӣ, инчунин пешгирии ҳама гуна зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ як қатор чораҳои ташкилию ҳуқуқиро роҳандозӣ кардааст.**

Аз ҷумла бо фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2017, №270 Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз ва аз 14 феврали соли 2019, №67 Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ барои солҳои 2019-2020 оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор доранд.

Дар Кумитаи андоз тайи солҳои охир бо иштироки тамоми кормандони мақомоти андоз семинар – машваратҳои зиёди корӣ оид ба омӯзиши муқаррароти қонунгузории ҷорӣ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ ва одоби касбии корманди мақомоти андоз гузаронида шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мақомоти андоз дар баробари мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар ва гумрук ҳамчун субъекти мубориза бар зидди коррупсия эътироф шуда, вазифадор гардидааст, ки дар доираи салоҳияти худ бар зидди коррупсия мубориза бурда, ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани ҷинояткорӣ дар ин самт пайваста чораҷӯӣ намояд.



Ҳамчунин, мувофиқи талаботи моддаи 90 Кодекси андоз кормандони мақомоти андоз уҳдадоранд, ки дар доираи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита ҳуқуқу манфиатҳои корхона, муассиса, ташкилотҳо ва шаҳрвандонро риоя ва ҳифз карда, сари вақт ба буҷет пардохт гардидани андозҳои ҳисобшударо назорат ва риояи муқаррароти қонунгузории андозро таъмин намоянд.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки «Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ барои солҳои 2019-2020 оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва мактуби мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ бо иштироки ҳамаи кормандон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор бидиҳанд. Оид ба риояи ҳатмии муқаррароти қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз, инчунин ҷиҳати сари вақт бартараф кардани сабабу шароитҳои ба содир шудани ҷиноятҳои мансабӣ мусоидаткунанда, чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод карда мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва Маркази тамос ба воситаи рақами телефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### G20 подготовит правила налогообложения IT-гигантов

**Это приведет к росту налоговой нагрузки для крупных технологических компаний**

Минфин стран «Большой двадцатки» согласились заняться разработкой правил для устранения лазеек, которые используются мировыми технологическими гигантами — такими, как Facebook, Google, Amazon — для «снижения бремени налогообложения». Многие IT-гиганты подвергаются критике из-за того, что они сокращают свои налоговые выплаты, регистрируя прибыль в государствах с низким уровнем налогов, сообщает газета «Коммерсантъ».

Новые правила приведут к росту налоговой нагрузки для крупных технологических компаний. Но при этом таким странам, как Ирландия и Люксембург (там действует облегченный налоговый режим), станет сложнее привлекать прямые инвестиции.

«Нам нужно разобраться с техническими аспектами того, как мы будем воплощать эти правила в жизнь», — отметил глава Минфина США Стивен Мнучин. Представители G20 еще дважды встретятся в 2019 г., чтобы обсудить все нюансы. Заключение соглашения должно состояться в 2020 г.

**http://taxpravo.ru**

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Иск против Месси по подозрению в мошенничестве подан в суд Испании

**Бывший сотрудник Благотворительного фонда «Лео Месси» Федерико Реттори представил иск в Национальную судебную коллегию Испании против футболиста испанской «Барселоны» Лионеля Месси и его отца. Об этом сообщила в среду газета ABC.**



По ее информации, иск также подан против самого фонда как юридического лица из-за возможных махинаций. Реттори, работавший в фонде с 2012 по 2015 год, обвиняет Месси в преступлении против государственного бюджета, мошенничестве и отмывании средств.

По утверждению бывшего сотрудника организации, средства, получаемые фондом, «изначально должны были быть направлены на социальные акции, а вместо этого они были перенаправлены на другие виды частной деятельности или счета, отличные от тех, что были заявлены данным фондом». Реттори заверяет, что Месси и его окружение использовали фонд, чтобы получать личные платежи, которые не предназначались на социальные проекты, избегая уплаты налогов.

Ранее аргентинский прокурор Пабло Турано выдвинул обвинения в отмывании денег против Месси и его отца. Прокурор просила провести проверку деятельности благотворительного фонда, который мог использоваться для отмывания средств. Как считает сторона обвинения, пожертвования, которые получал фонд, переводились на счета в офшорных зонах.

Аргентинский футболист уже имел проблемы с закономиз-за неуплаты налогов. В 2017 году суд Барселоны приговорил Месси к 21 месяцу лишения свободы за уклонение от уплаты налогов. Тогда он избежал тюремного заключения, заплатив штраф в €250 тыс.

Месси выступает за «Барселону» с 2004 года. 31-летний форвард является девятикратным чемпионом Испании, восьмикратным обладателем Суперкубка Испании, шестикратным обладателем Кубка Испании, четырехкратным победителем Лиги чемпионов, трехкратным обладателем Суперкубка УЕФА и трехкратным победителем клубного чемпионата мира. Месси пять раз признавался лучшим игроком мира.

**https://news.mail.ru/economics**

# Тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

**Дар асоси муқаррароти банди 51 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати фаъолияти андозсупорандагоне, ки бо амали (беамалии) худ боиси баланд шудани андозҳои муқарраршуда мегарданд, мафҳуми «Андозсупорандагони бемасъулият» пешбинӣ гардидааст.**



Мақомоти андоз ҳуқуқ дорад субъектҳои хоҷагидорро, ки давоми зиёда аз се моҳи пайдарпай, аз лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ, сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пешниҳод намудани ҳисоботи андоз ё пардохти маблағи андоз ё пардохти қарзи эътирофшудаи андозро таъмин накардааст ё ин ки ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашударо бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда ё ҳисобнома – фактураи қалбакиро пешниҳод намудааст ва дигар амалҳоеро (беамалиро) анҷом дода бошад, ки номгӯи онҳоро Кумитаи андоз дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ муқаррар намудааст, ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намояд.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба андозсупорандагони бемасъулият» аз 3 июни соли 2019, таҳти №232 дар асоси талаботи банди 51 моддаи 17, қисми 3 моддаи 44, моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2.11.2015, №376 «Оид ба тасдиқ намудани тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор», ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият», ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2011, №57 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Бояд зикр кард, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагони дар замимаи №1-и фармоиши мазкур овардашуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд.

Ҳамзамон, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, барои татбиқ кардани чораҳои маъмурӣ, андозсупорандагони дар замимаи №2-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3 июни соли 2019, №232**

Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудаанд:

| № | Номгӯи андозсупоранда | Сабабҳои ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Сумая Н» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 2 | ҶДММ «Хонасоз 5» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 3 | ҶДММ «Шоҳона – 2017» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3 июни соли 2019, №232**

Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шудаанд:

| № | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | ҶДММ «Нури Истиқлол» |
| 2 | ҶДММ «Файз – 2019» |
| 3 | Кумитаи замини ноҳияи Шаҳринав |
| 4 | Идораи Нотариалии ноҳияи Шаҳринав |
| 5 | Намояндагии Палатаи савдо ва саноати вилояти Суғд дар шаҳри Бӯстон |

Зимнан, фармоиши зикршуда раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки аз лаҳзаи ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд. Инчунин, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" низ вазифадор гардиданд, ки барои дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир кардани фармоиши мазкур тадбирҳои заруриро андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Назорати камералӣ - воситаи ошкорсозӣ

- Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда анҷом дода мешавад,- гуфт сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод Султон Лутфиев.

Мавсуф, ҳамчунин, иброз дошт, ки дар 5 моҳи соли 2019 ҷиҳати ошкор сохтани қонуншиканиҳои андоз ва ворид буҷет сохтани маблағҳои пинҳоншуда дар фаъолияти андозсупорандагон корҳои муайяне анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, дар фаъолияти 6 андозсупоранда ба маблағи 105 ҳазору 640 сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардиданд, ки аз он 83 ҳазору 190 сомонӣ пурра ба буҷети давлатӣ пардохт шудааст. Кормандони нозироти андози ноҳия дар фаъолияти ҶДММ «Шаҳриёр» назорати камералӣ гузарониданд, ки маблағи ошкоргардида 42 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Дар фаъолияти КДФХМК низ ба маблағи 47 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз, тавре ба назар мерасад, баҳри ғановатмандии буҷети мамлакат саҳми беандоза гузошта истодааст. Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи соҳаҳои иҷтимоиёти кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварии андозҳо масъалаи аввалиндараҷае, ки дар назди мақомоти андоз меистад, маъмурикунонии андоз аст.**

Аз ин хотир, имрӯз Кумитаи андоз кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мутахассисони баландихтисосро барои рушди босуботи мақомоти мазкур ҷалб намояд. Ғайр аз ин, кормандони мақомоти андоз барои пешрафти ин соҳа аз таҷрибаи давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ истифода мекунанд. Пас, зарур аст, ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ фарҳанги баланди андозсупории хешро эҳсос намуда, дар муҳлати муайяншуда андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро пардохт намояд. Чуноне ки ба назар мерасад, масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани маблағҳои зиёди бақияпулиҳои андоз, инчунин давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии на танҳо мақомоти андоз, балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гардидааст.

Баъзе шахсоне, ки ҳарчанд дар ширкату корхонаҳои хурду бузург фаъолият менамоянду даромади зиёд ба даст меоранд, аммо, бино бар баланд набудани ҳисси шаҳрвандиашон, андозҳои муқаррарнамударо сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт намекунанд. Чунин шахсон дар бисёр ҳолатҳо аз супоридани андозҳо сарпечӣ менамоянд ё онҳоро пинҳон медоранд. Дар ҳама ҳолат онҳо қарзи худро фаромӯш карда, вазъи молиявии буҷети маҳаллиро, бахусус мактабу маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои қудратию буҷетиро, ки тавассути андозҳо фаъолияти худро роҳандозӣ мекунанд, дар ҳолати ногувор мемонанд. Аз бемасъулиятии онҳо дар соҳаҳо ноустувории пулию молӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, яке аз мушкилиҳои ҳалталаб дар фаъолияти мақомоти андоз афзоиши қарзи андозҳо ба шумор меравад.

Шаҳрвандоне, ки аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул қарздор ҳастанд, дар шаҳри Душанбе хеле зиёд мебошанд. Ҳолатҳои зиёди пинҳонкунии андозҳо ва ба муҳлатҳои тӯлонӣ аз ҷониби соҳибмулкон пардохт нагардидани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе зимни санҷишҳои мақомоти андоз ошкор шуда, ҳамзамон нисбати андозсупорандагони мазкур мутобиқи талаботи муқарраршуда тадбирҳои аввалиндараҷа андешида мешавад. Мо дар ҷадвали зерин рӯйхати нафаронеро, ки бақияпулиҳояшон рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш асту онҳо дар пардохти маблағҳои қарзи худ саҳлангорӣ мекунанд, пешниҳод мекунем.

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Фаррух Набиев | кӯчаи Толстой | 88526,76 |
| 2 | Абдушафеъ Ҳоҷиев | кӯчаи Теппаҳои Шарқӣ, Минтақаи 8 | 69448,77 |
| 3 | Раҷабалӣ Одинаев | кӯчаи Садриддин Айнӣ | 55379,84 |
| 4 | Наврӯз Шокиров | кӯчаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | 54727,52 |
| 5 | Рустам Саидов | кӯчаи Нақибхон Туғрал | 52228,09 |
| 6 | Идибек Давлятов | кӯчаи Қаротегин 6 | 47676,52 |
| 7 | Абдуназар Боймуродов | Фирдавсӣ, хонаи 5/15 ҳуҷраи 26 | 46311,24 |
| 8 | Неъматҷон Абдуалимов | кӯчаи Ғаффор Валаматзода, хонаи 2 | 39703,05 |
| 9 | Амин Ҳусайнов | кӯчаи Ғаффор Валаматзода 10 | 38665,63 |
| 10 | Суҳроб Ибрагимов | кӯчаи Моёншо Назаршоев 389 | 34716,9 |
| 11 | Нурулло Раҷабов | кӯчаи Моёншо Назаршоев 7 | 34404,31 |
| 12 | Ҷонибек Ҳикматов | кӯчаи Моёншо Назаршоев 157 | 32900,22 |
| 13 | Маҳмадсолеҳ Кабиров | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 265 /3 | 32766,63 |
| 14 | Хайрулло Саидов | кӯчаи Мирзо Ризо | 27588 |
| 15 | Муҳаббат Ашурова | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 9 | 28368,57 |
| 16 | Абдуҳалим Тошиев | кӯчаи К. Раҳим Ҷалил 46 | 27125,98 |
| 17 | Тағойбек Шеров | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 75 | 32143 |
| 18 | Хадича Ҷалилова | кӯчаи Қаротегин 1 | 30742 |
| 19 | Маҳмадлатиф Раҳимов | кӯчаи Моёншо Назаршоев 7 | 19701 |
| 20 | Файзуло Қудбудинов | кӯчаи Аҳмади Дониш, хонаи 57 | 27859 |
| 21 | Баҳовадин Зуҳурдинов | кӯчаи Ҳусейнзода, хонаи 33/1 | 24852 |
| 22 | Маҳмадулло Зафаров | кӯчаи Моёншо Назаршоев, хонаи 26 | 26116 |
| 23 | Абдуғафор Қараев | кӯчаи Зебуниссо 7 | 25279 |
| 24 | Аловиддин Холов | кӯчаи Қаротегин 2, хонаи 102 | 22643 |
| 25 | Нуширвон Нуриддинов | кӯчаи Ғаффор Валаматзода, хонаи 8/1 | 24203 |
| 26 | Ҳакимхон Таваров | кӯчаи Абулқосим Лоҳутӣ, хонаи 6 а | 23336 |
| 27 | Хурсандкул Давлатов | кӯчаи Зафар 54 | 18263,77 |
| 28 | Муқадас Ғаниева | кӯчаи Нисор Муҳаммад, гузаргоҳи 6 | 17806 |
| 29 | Омина Саъдулоева | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 2271 | 16933 |
| 30 | Сафарбек Ширинов | кӯчаи Мирзо Турсунзода, 1г-4 | 15770 |
| 31 | Ҳалима Маҷидова | кӯчаи Хусейнзода | 15235 |
| 32 | Ҳабибулло Шофиев | кӯчаи Теппаҳои Шарқӣ | 15556 |
| 33 | Людмила Назарова | кӯчаи Моёншо Назаршоев 256Б | 16346 |
| 34 | Абдуло Шарифов | кӯчаи Чиноро 14 | 7211 |
| 35 | Қимат Маллаева | кӯчаи Садриддин Айнӣ | 15826 |
| 36 | Шарофат Наҷмудинова | кӯчаи Аҳмади Дониш, хонаи 25 | 14793 |
| 37 | Мирзоҳаёт Назаров | кӯчаи Х. Деҳлавӣ, хонаи 12 | 14639 |
| 38 | Мавзуна Амирова | кӯчаи Қаротегин 1, хонаи 6 | 12886 |
| 39 | Ҳадиятуло Атавулоев | кӯчаи Нисор Муҳаммад 10/17 | 11129,96 |
| 40 | Хуршед Ҳамидов | кӯчаи Абулқосим Лоҳутӣ 7/4 | 14108 |
| 41 | Абдусаттор Ҷураев | кӯчаи Мирзобек 1, хонаи 9/1 | 12346 |
| 42 | Гулбаҳор Туманова | кӯчаи Садриддин Айнӣ | 13426 |
| 43 | Шодимурод Ҳайдаров | кӯчаи Моёншо Назаршоев | 11485 |
| 44 | Маҳмадулло Ҳакимов | кӯчаи Титов 276 | 10595,21 |
| 45 | Давлат Ҳайдаров | кӯчаи Хусейнзода 1 | 13080 |
| 46 | Ҳасан Рашидов | кӯчаи Қаротегин 1, хонаи 6 | 12986 |
| 47 | Зоир Саидов | кӯчаи Садриддин Айнӣ,хонаи 12 | 12836 |
| 48 | Хайрулло Мисоқов | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 61 | 12012 |
| 49 | Шукрулло Кенчаев | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 7 | 121426 |
| 50 | Мирзомурод Расулов | кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 19 А | 11589 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Сунатуллои Хақназар | кӯчаи Дӯстии Халқҳо 106 | 97000 |
| 2 | Акмал Абдуллоев | кӯчаи Қ. Раҳимов 46а | 46763 |
| 3 | Меҳроҷидини Раҷабалӣ | кӯчаи Пушкин 7 | 19876 |
| 4 | Мирзоалӣ Қараев | кӯчаи Пушкин 7 | 4386 |
| 5 | Эҳсон Киромов | кӯчаи Ҳ. Шерозӣ 6 | 27058 |
| 6 | Меҳроҷидини Раҷабалӣ | кӯчаи Пушкин 7 | 19657 |
| 7 | Фазилат Саидова | кӯчаи Пушкин 7 | 20098 |
| 8 | Чилахон Тоиров | кӯчаи Пушкин 7 | 20295 |
| 9 | Абдумаҷит Холов | кӯчаи Пушкин 7, ҳуҷраи 47 | 2672 |
| 10 | Абдумаҷит Холов | кӯчаи Пушкин 7, ҳуҷраи 46 | 2737 |
| 11 | Рухшона Меликова | кӯчаи Бузургзода 48 | 4388 |
| 12 | Таджидин Наҷмиддинов | кӯчаи Соатов 12 | 76493,5 |
| 13 | Шарофат Салиҳова | кӯчаи Ансорӣ 10А | 1616 |
| 14 | Мавлуда Умарова | кӯчаи Шевченко 113 | 10200 |
| 15 | Ёрмахмади Ҷонмаҳмад | кӯчаи Пушкин 24 | 21335,89 |
| 16 | Илҳомиддин Тағоев | кӯчаи Ахунбабаев 72 | 188531 |
| 17 | Алиризо Холов | кӯчаи Карамова 3 | 24060,07 |
| 18 | Манучеҳр Тоиров | кӯчаи Умари Хайём 31А | 13661,74 |
| 19 | Оймаҳмад Ҳотамов | кӯчаи Қ. Раҳимов 40 | 25902 |
| 20 | Рустам Шаропов | кӯчаи Ҳазора 8 | 2000 |
| 21 | Ч. Зубайдуллоев | кӯчаи Сурхоб 23А | 2747 |
| 22 | Темур Меликов | кӯчаи Алхитой 46А | 2121 |
| 23 | Кариммо Шарипова | кӯчаи Бузургзода 22 | 4565 |
| 24 | Парвиз Исмоилов | кӯчаи Ахунбобоев 9 | 1358 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Ёқуб Шарипов | кӯчаи Мунзим 42/19 | 2660 |
| 2 | Раҷабгул Одинаева | кӯчаи Матросов 33 | 10914 |
| 3 | Саид Ямонқулов | кӯчаи Панфилов 21 | 2644 |
| 4 | Муҳабатшо Носиров | кӯчаи Фучик 88 | 8185 |
| 5 | Ҷамшед Абдуҷаборов | кӯчаи Фучик 9 | 3671 |
| 6 | Довуд Акмалов | кӯчаи Каҳоров 63-65 | 6942 |
| 7 | Сайдаҳмад Шарипов | кӯчаи Каҳоров 481 | 5516 |
| 8 | Ҷунайдулло Достиев | кӯчаи Наврӯз 1 | 37402 |
| 9 | Бахтиёр Азизов | Каҳоров 481 | 17899 |
| 10 | Сорбони Шодмон | кӯчаи Ҷомӣ 9 | 6500 |
| 11 | Шеравган Миров | кӯчаи Ҷомӣ б/р | 6520 |
| 12 | Саидикром Файзов | кӯчаи Машъал 114 | 1141 |
| 13 | Заробек Худоёров | кӯчаи Машъал 160 А | 1951 |
| 14 | Бобовалӣ Шарипов | кӯчаи Фирдавсӣ 61 | 12000 |
| 15 | Носрҷони Шеравган | кӯчаи Фирдавсӣ 62/1 | 33156 |
| 16 | Кенҷа Ғиёсов | кӯчаи Крупский 126 | 2541 |
| 17 | Мирзо Ишанов | кӯчаи Крупский 3 | 1479 |
| 18 | Бобишо Зиёев | кӯчаи Крупский 3 | 1330 |
| 19 | Хосият Мустафоқулова | кӯчаи М. Султон 15 | 2937 |
| 20 | Шарофат Қурбонқулова | кӯчаи М. Султон 18 | 939 |
| 21 | Байтшо Холбоев | кӯчаи М. Султон 23 а | 1010 |
| 22 | Нурулло Ёрматов | кӯчаи М. Султон 29 | 1918 |
| 23 | Муҳамадназар Аминов | кӯчаи Борбад 64-128 | 612 |
| 24 | Шуҳратҷон Аюбов | кӯчаи Борбад 80-64 | 737 |
| 25 | Шоназар Саъдуллоев | кӯчаи Борбад 110/1-1 | 781,25 |
| 26 | Фатҳулло Маҳмадшоев | кӯчаи ШМИТД 7-4-5-6 | 2955 |
| 27 | Сафархон Мирзоалиев | кӯчаи Мушфиқӣ 106 | 23594 |
| 28 | Алишер Ҳаитов | кӯчаи Возеҳ 10 | 3306 |
| 29 | Рустам Хоҷаев | кӯчаи Фирдавсӣ 110 | 8780 |
| 30 | Ёралӣ Маҳмудов | кӯчаи Н. Қарабоев 110/1 | 2292 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ СИНО**

РӮИХАТИ СОҲИБКОРОНЕ, КИ БИНОҲОРО БО МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ИСТИФОДА МЕКУНАНД

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҷонибек Салимов | кӯчаи Маяковский 11 | 5000 |
| 2 | Ширин Қурбонова | кӯчаи Маяковский 93-38 | 3000 |
| 3 | Маҳмадназар Пирназаров | кӯчаи Маяковский 43-1 | 1000 |
| 4 | Ҳамза Умаров | кӯчаи А. Ғуломов 54/3 | 5000 |
| 5 | Қурбоной Собирова | кӯчаи Муҳаммадиев 2-58 | 7000 |
| 6 | Мамур Ҳайдаров | кӯчаи Федина 14 | 1200 |
| 7 | Исматой Мадалиева | кӯчаи Н. Махсум 76 | 2690 |
| 8 | Умед Муродов | кӯчаи Абдуллобекова 9 | 3432 |
| 9 | Убайдулло Гиёев | кӯчаи Зарафшон 6 | 7094 |
| 10 | Нусратулло Баротов | кӯчаи Н. Махсум 70/1 | 9954 |
| 11 | Дилшод Раҳмонов | кӯчаи Зарафшон 5 | 5815 |
| 12 | Ҳакимҷон Маҳмадиев | кӯчаи Р. Набиев 186 | 10667 |
| 13 | Акбарҷон Сайдалиев | кӯчаи Р. Набиев 233/1 | 7483,5 |
| 14 | Акбарҷон Сайдалиев | кӯчаи Р. Набиев 233/2 | 9975 |
| 15 | Зиёвуддин Авгонов | кӯчаи Р. Набиев 286/1 | 41154 |
| 16 | Шарифхӯҷа Қутбиддинов | кӯчаи Р. Набиев292/2 | 20697,95 |
| 17 | Орифҷон Кароматуллоев | кӯчаи А. Ҷомӣ 2/1Б | 211831 |
| 18 | Маҳмадёр Давлатёров | кӯчаи А. Ҷомӣ 42\2 | 10549 |
| 19 | Одинааҳмад Саидзода | кӯчаи Ҷ. Расулов 57/1 | 7097 |
| 20 | Зулфия Халилова | кӯчаи Ҷ. Расулов 11 | 4290 |
| 21 | Саймуҳиддин Қосимов | кӯчаи Ҷ. Расулов 63/5 | 13318 |
| 22 | Тоҷиддин Шарипов | кӯчаи Ҷ. Расулов б/р | 4804 |
| 23 | Шарофиддин Камолов | кӯчаи Борбад 23А | 200000 |
| 24 | Маҳмадалӣ Азизов | кӯчаи Борбад 123 | 30000 |
| 25 | Одилбек Амиров | кӯчаи Пахтакор б/р | 25000 |
| 26 | Муҳиддин Шарифов | кӯчаи Борбад б/р | 25000 |
| 27 | Садафмоҳ Ҳасанова | кӯчаи Гипрозем б/р | 12961 |
| 28 | Исфандиёр Амирхонов | кӯчаи Тургенев 71/1 | 10000 |
| 29 | Сайрамбӣ Толобова | кӯчаи Борбад 51 | 7000 |
| 30 | Ҷумъахон Расулов | кӯчаи Борбад 30/1 | 5000 |
| 31 | Нодирҷон Ҷӯраев | кӯчаи Борбад 111 | 15000 |
| 32 | Сайдалӣ Мирзоев | кӯчаи Сино 42/2 | 62425 |
| 33 | Акбаралӣ Ҷурабоев | кӯчаи Ҳабиб Юсуфӣ 16 | 9937,5 |
| 34 | Рустам Достиев | кӯчаи Ҳувайдуллоев 2 | 16096 |
| 35 | Эркин Достиев | кӯчаи Ҳувайдуллоев 2 | 36973 |
| 36 | Суҳроб Сайфуллоев | кӯчаи Ҳамадонӣ 50 | 5700 |
| 37 | Дилшод Раҳимов | кӯчаи Испечак 2м26 | 2726 |
| 38 | Фарух Ҳалимов | кӯчаи Испечак 202 | 725 |
| 39 | Абдусатор Раҳимов | кӯчаи Навобод 75/1 | 13476 |
| 40 | Рустам Некматов | кӯчаи Испечак 1 | 2581 |
| 41 | Умаралӣ Шерзод | кӯчаи Испечак 193/1 | 1650 |

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.11.2017 №533 "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", ҷиҳати аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ намудан, рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоят нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2, муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Замимаи №1**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти шаҳри Турсунзода, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андосупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | |
| 1 | ҶДММ «БОБО» | 15.09.1994 |
| 2 | ҶДММ «ГАНЧИНАИ РЕГАР» | 09.06.2003 |
| 3 | ҶДММ «СТРОЙ МАСТЕР» | 17.05.2004 |
| 4 | ҶДММ «МУНАВВАР ВА КОМПАНИЯ» | 30.08.2005 |
| 5 | ҶДММ «ШУҲРАТ 2003» | 05.08.2003 |
| 6 | ҶДММ «НАНЕФ» | 16.07.2002 |
| 7 | ҶДММ «РАВШАНИ ҶАВОҲИР» | 18.11.1994 |
| 8 | ҶДММ «РЕГАР ПЛАСТ» | 22.04.2011 |
| 9 | ҶДММ «Мавҷ» | 07.08.2009 |
| 10 | ҶДММ «МИКА» | 26.02.2013 |
| 11 | ҶДММ «СИЁВУШ 2» | 24.06.2003 |
| 12 | ҶДММ «АБДУСАЛОМ 67» | 13.12.2013 |
| 13 | ҶДММ «ОБОДОН СОХТМОН» | 04.12.2014 |
| 14 | ҶДММ «ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ 5» | 18.02.2010 |
| 15 | ҶДММ «САИДОН-2016» | 23.02.2016 |
| 16 | ҶДММ «ЛАБИРИНТ» | 15.04.1995 |
| 17 | ҶДММ «ФАЙЗИ СОҲИЛ» | 26.08.2014 |
| 18 | ҶДММ «Аква-Парадис» | 05.10.2003 |
| 19 | ҶДММ «ТАЪМИНОТ ЭКСПОРТ ИМПОРТ» | 11.03.2005 |
| 20 | ҶДММ «ҲАМЗААЛӢ» | 26.02.2013 |
| 21 | ҶДММ «Валӣ Баҳриддин» | 30.10.2008 |
| 22 | ҶДММ «ШУКРОНА 2014» | 07.08.2014 |
| 23 | ҶДММ «ЗАРМЕД» | 21.10.2015 |
| 24 | ҶДММ «ЛАМНАМ» | 12.06.2013 |
| 25 | ҶДММ «ҲАМКОР 2002» | 01.08.2002 |
| 26 | ҶДММ «АЗИЗ-2012» | 10.06.2013 |

**Замимаи №2**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Кушониён, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андосупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | |
| 1 | Шоимов Бахтиёр | 29.01.2010 |
| 2 | Мирзоев Набиҷон | 02.04.2010 |
| 3 | Муродов Хуршед | 20.05.2010 |
| 4 | Ҷунайдов Маҳмадсаид | 01.07.2010 |
| 5 | Гиясов Зарфжон | 01.10.2009 |
| 6 | Абдулҳаев Абдусолеҳ | 02.04.2012 |
| 7 | Сайдуллоев Аҳмадҷон | 01.10.2009 |
| 8 | Мусоев Сироджидин | 04.04.2011 |
| 9 | Ульфатов Мухтор | 23.10.2009 |
| 10 | Мирзоахмедов Суҳроб | 27.01.2012 |
| 11 | Сабзаев Муродалӣ | 01.06.2012 |
| 12 | Назаров Назар | 06.04.2010 |
| 13 | Зокиров Талбон | 13.05.2010 |
| 14 | Гулов Шарифхон | 01.10.2009 |

**Замимаи №3**

